**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна таҳти унвони «Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Таҳқиқу баррасӣ ва анҷом додани пажуҳиши фарогири илмӣ дар хусуси воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ яке аз мавзуъҳои муҳим дар забоншиносии имрӯза маҳсуб меёбад. Аз ин дидгоҳ диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна, ки «Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)» унвон гирифта, ба таври муфассалу мукаммал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтааст, муҳим арзёбӣ мегардад.

Тавре аз автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 173 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар қисмати муқаддима муаллиф мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати дисертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи дисертатсия, сохтор ва ҳаҷми корро нишон додааст.

Боби аввали диссертатсия - **«Асосҳои назариявии одоби муҳоварат»** унвон дошта, аз шаш фасл иборат аст ва масъалаҳои муошират ва намудҳои он, консепсияҳои хушмуомилагии лингвистӣ, ҷанбаҳои иҷтимоию лингвистии одоби муҳоварат, масъалаҳои одоби муҳоварат дар таҳқиқоти лингвистӣ, хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии одоби муҳоварати тоҷикӣ, семантикаи хушмуомилагӣ ва эҳтиром дар асарҳои Ф.Муҳаммадиев таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Боби дуюми рисола - **«Воҳидҳои муроҷиат дар системаи одоби муҳоварат»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Муаллиф дар ин боб оид ба воҳидҳои мурочиат – мухотабро дар системаи одоби муҳоварати забони тоҷикӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, мавқеи онҳо дар асноҳои гуногуни одоби

муошират муайян карда шудаанд, баҳс мекунад. Аз баррасиҳои муҳаққиқ равшан мегардад, ки дар забони асарҳои Ф.Муҳаммадиев мурочиати самимӣ ва боэҳтироми зан ба шавҳар, аз қабили *дадаҷонаш, азизам, азизакам, хӯҷаин, хӯҷаинакам, муаллимакам, ҷонакам;* шавҳар ба зан, – *ҷонакам, азизакам, гулакам, чарогам;* падар ба духтар – *ҷонакам, азизакам, ҷони ширини дадош;* бародар ба хоҳар – *ҷигарам, ҷигаракам, булбулаки ман* ва м.и. зиёд истифода бурда мешавад. Корбурди чунин воҳидҳои мурочиат дар дипломатияи оилавӣ ниҳоят муҳим буда, ба гӯянда имконоти зудтар ба мақсад ноил шуданро фароҳам меорад. Гурӯҳи дигари мухотабҳоро мухотабҳои ғайримахсус ташкил медиҳанд, ки дар асоси миқдори зиёди номҳои хешутаборӣ, исмҳои хос, исмҳои касбу кор, унвон, мақому мартаба ва ғ. сохта мешаванд (автореферат, с.18).

Боби сеюми рисола - «**Хусусиятҳои услубии воҳидҳои одоби муҳоварат дар осори Ф. Муҳаммадиев»** ном дошта, аз ҳашт фасл таркиб ёфтааст ва ба масъалаҳои меъёри гурӯҳбандии воҳидҳои одоби муҳоварат, одоби муҳоварат ва мавқеи иҷтимоии шарикони коммуникативӣ, воҳидҳои ифодакунандаи пазироӣ ва шиносоӣ, хайрухуш, хоҳишу дархост, миннатдорӣ, узрхоҳӣ, тавсиф бахшида шудааст. Дар ин боб диссертант бар асоси мисолҳо муайян намудааст, ки қисмати зиёди воҳидҳои одоби муҳоварати аз асарҳои Ф.Муҳаммадиев фароҳамомадаро аз ҷиҳати миқдор воҳидҳои мурочиату дархост, маслиҳату пешниҳодҳо ташкил медиҳанд. Истифодаи воҳидҳои муҳоваратро дар робита бо вижагиҳои нутқи коммуникантҳо ва хислату характери персонажҳо шарҳ додан мумкин аст.

Хулосаи кор хуб аст, муаллиф тавонистааст, ки асоситарин натиҷаҳои бобҳову фаслҳои таҳқиқоти хешро ба таври мухтасар ва муҷаз баррасӣ намояд. Тавре дар автореферат зикр ёфтааст, асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев дар эҳёи манзараи одоби муоширати ва ҳусни муносибатҳои байниҳамдигарӣ нақши ниҳоят муҳим доранд, зеро дар осори ӯ намунаи беҳтарини одоби муоширати одамони касбу кор ва табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ тавассути истифодаи фаровони воҳидҳои одоби муҳоварат сурат гирифтааст.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ қобили таваҷҷуҳанд ва маводи диссертатсияро метавон дар самти омӯзиши забони тоҷикӣ ҳамчун забони модарӣ ва ҳамчун забони хориҷӣ, дар ҷараёни таълими маҳорати суханварӣ, тарҷумаи бадеӣ, таҳияи дастуру воситаҳои таълимии соҳаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Файзова Таҳмина Иззатуллоевнаро, дар

асоси матни автореферат, метавон таҳқиқи мукаммали илмии анҷомёфта номид.

Сарфи назар аз арзиши баланди илмиву амалӣ дар автореферат баъзе норасоиҳо, ба монанди ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати корро беҳтар мегардонад.

Умуман, автореферати кори диссертатсионии Файзова Таҳмина Иззатуллоевна таҳти унвони «Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)» дуруст, пурра ва мукаммал буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва таърихи
забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Абдусамадзода Э.А.

«14» августи соли 2024

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. Ориёно 2/ 20
Тел: (+992) 918139968
E-mail: erajjon-1988@mail.ru

Имзои Абдусмадзода Э.А.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«14» августи соли 2024

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Кӯлоб, маҳ. С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: +992 (3322) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj